*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №57 (2884) | ҶУМЪА, 11 МАЙИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад






## Имтиҳони ҷиддӣ ва сабақи таърихии Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили ҷашни 67-умин солгарди Иди Ғалаба**

*ш. Душанбе, 9 майи соли 2012*

**Ҳамватанони азиз!**

**Мӯҳтарам собиқадорони ҷангу меҳнат!**

**Афсарону сарбозони гиромӣ!**

Дар саҳифаҳои таърихи инсоният ҳодисаву воқеаҳое вуҷуд доранд, ки бо гузашти солҳо арзишу мақоми бештар касб намуда, аҳамияти махсуси ахлоқиву маънавиро соҳиб мегарданд. Ғалабаи бузург дар Ҷанги дуюми ҷаҳон аз ҷумлаи ҳамин гуна падидаҳои нодири таърихи умумибашарӣ мебошад.

Мардуми шарафманди Тоҷикистон Рӯзи Ғалабаро дар радифи халқу миллатҳои дигар ҳамеша бо арҷгузориву қадрдонӣ аз корномаҳои ҷангиву ҷоннисориҳои фарзандони худ ва гиромидошти хотираи неки сарбозону афсароне, ки аз ҷабҳаи набард барнагаштанд, таҷлил мекунанд.

Бинобар ин, ҳамаи шумо – иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон, сарбозону афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ ва мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ифтихори 67-умин солгарди Ғалаба бар фашизм самимона табрик гуфта, бароятон, пеш аз ҳама, тандурустӣ ва рӯзгори осуда орзумандам.

Ғалаба бар фашизм бори дигар собит сохт, ки падарону бобоёни мо бо шуҷоату мардонагӣ, ватандӯстиву матонат бар зидди зулму истибдод ва асорату бандагӣ муборизаи беамон бурда, барои таъмини ояндаи орому осоиштаи инсоният ҷоннисориҳо кардаанд.

Маҳз ба шарофати иттиҳоду ҳамбастагӣ, дӯстиву рафоқат ва фидокориву заҳмати шабонарӯзӣ дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ғалаба насиби халқу миллатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гардид.

Мо ҳар сол ин рӯзи таърихиро ба хотири арҷгузорӣ ба пайкори пуршарафи ҷангӣ, ҷасорату фидокорӣ ва матонату қаҳрамонии мардони ҷабҳаи набард ва ақибгоҳ, ки мушкилоти тоқатфарсои он солҳои мудҳишро бо кору заҳмати бемислу монанд паси сар карда, ба пирӯзӣ расидаанд, таҷлил мекунем.

Ба онҳое, ки имрӯз ҳамроҳи мо ҳастанд, таҳсину ташаккур мегӯем ва ба ёди онҳое, ки ҷони худро барои озодиву ободии мову шумо қурбон кардаанд, дуои нек мекунем.

Ҷанги дуюми ҷаҳон яке аз мудҳиштарин фоҷиаҳои башарият буд, ки дар рафти он дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ Тоҷикистон низ бо маҳрумияту машаққатҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид ва талафоти гарон дод.

Қариб 300 ҳазор нафар фарзандони бонангу номус ва шарафманди Тоҷикистон ба ҷабҳа рафта, аз онҳо 100 ҳазор нафарашон дар арсаи ҷанг қаҳрамонона шаҳид гаштанд.

Дар ин лаҳзаҳои пурҳаяҷон мехоҳам хотирнишон созам, ки шаҳидони ҷанг бо кору пайкор, қаҳрамониву мардонагӣ ва шуҷоату матонати худ абадзиндаанд.

Мо хотираи неки онҳоро ҳамеша пос медорем ва ба некӣ ёд мекунем, зеро бо гузашти солҳо арзиши муборизаҳои абармардони ҷабҳаи ҷанг дар қалбҳои мо боз ҳам равшантар ва барои наслҳои ҷавон сабақи зиндагӣ мегардад.

Ҳарчанд ки майдони ҷангҳои шадиду хунини он солҳо аз хоки Тоҷикистон хеле дур буд, вале таъсири он ба ҳар як хонавода баръало эҳсос мегардид.

Мардуми мо дар он солҳо, бо вуҷуди мушкилоти сангин, сабурона кор мекарданд ва ба хотири ғалаба, ба хотири фардои ободу осоишта ҳама бозёфташонро ба ҷабҳа мефиристоданд.

Яъне, мардуми мо воқеияти сахти ҷанги хонумонсӯзро амиқан дарк карда, дар ақибгоҳ бо кору пайкори содиқона, устуворӣ ва мардонагии худ барои наздик шудан ба рӯзи ғалаба саъю талош меварзиданд. Зеро фақат ақибгоҳи мустаҳкаму тавоно барои таъмини эҳтиёҷоти ҷабҳа ва ноил шудан ба ғалаба мусоидат карда метавонист. Дар ин кор низ, яъне таъминоти хати ҷабҳа бо хӯрока ва маводи дигар мардуми Тоҷикистон ҳиссаи арзанда доранд.

Ҳар як рӯзи пурфоҷиаи ҷанг барои халқҳои Шӯравӣ, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон, як имтиҳони ҷиддӣ ва сабақи таърихӣ гардида буд. Имрӯз баъди гузашти чандин даҳсолаҳо мо метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки халқи тоҷик якҷо бо халқу миллатҳои гуногун бар зидди мусибату машаққатҳои бениҳоят вазнини ҷанг истодагарӣ карда, аз имтиҳони ҷиддии таърих гузашт ва дар таъмини ғалабаи бузург бар фашизм саҳми муносиб гузошт.

Бинобар ин, ҳар лаҳзаи талошу пайкори диловаронаи фарзандони баору номуси халқамон ҳамеша чун намунаи ибрат барои наслҳои имрӯзу оянда хоҳанд монд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки ҳамаи шумо ёд доред, ҳанӯз дар оғози соҳибистиқлолии Ватанамон бо мақсади ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, ҳимоя намудани дастовардҳои истиқлолият, пойдор нигоҳ доштани рукнҳои давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осоишта, бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуд, мо артиши миллии кишварамонро таъсис додем.

Имрӯз бо гузашти бист соли истиқлолият мебинем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон сол ба сол неруманд гардида, бо интизоми намунавии ҳайати шахсии ҷузъу томҳо дар ҳифзи сарҳад, пуштибонии қонун ва ҳуқуқи шаҳрвандон, ҳимояи муқаддасоти миллӣ, таъмини амният ва тартиботи ҷамъиятӣ нақши барҷаста доранд.

Ҳоло ҳар фарди бонангу номуси кишвари соҳибистиқлоламон амиқан дарк менамояд, ки вазифаи ҷониву муқаддаси ҳар як хизматчии ҳарбӣ хизмати содиқона ба Ватан, миллат ва давлати Тоҷикистон мебошад.

Садоқат ба Ватан маънои хизмати намунавӣ, такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва аз ҳама боло гузоштани манфиатҳои давлату миллатро ифода месозад.

**(Идома дар саҳ. 2)**

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

**10 майи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро тасдиқ шуд.

Масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар хусуси Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд», «Дар хусуси Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, таъмир, навсозӣ, дароз намудани мӯҳлатҳои истифодабарӣ ва нобудсозии маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба принсипҳои умумии ташкили иттиҳодияҳои илмии истеҳсолии байнидавлатӣ дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ», «Дар хусуси Созишнома дар бораи мақоми ташаккули қувваю воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Протокол оид ба таъмини мувофиқатии техникӣ ва иттилоотии аслиҳа ва техникаи ҳарбии қувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002», «Дар хусуси Протоколи сеюм оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбии техникии байни давлатҳои аъзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба шартҳои имтиёзноки таҳвили техникаи махсус ва воситаҳои махсус барои таҷҳизонидани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамотҳои махсуси давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 октябри соли 2007» ва «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992» - ро раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амиркул Азимов ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои номбурда қарорҳо қабул карда, масъалаҳои мазкурро ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***«Садои мардум»***

### ● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Созишномаҳо оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба тасвиб расиданд

**11 майи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1.Дар хусуси Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо**

**2.Дар хусуси Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд**

**3.Дар хусуси Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ**

**4.Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, таъмир, навсозӣ, дароз намудани мӯҳлатҳои истифодабарӣ ва нобудсозии маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ**

**5.Дар хусуси Созишнома оид ба принсипҳои умумии ташкили иттиҳодияҳои илмии истеҳсолии байнидавлатӣ дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ**

**6.Дар хусуси Созишнома дар бораи мақоми ташаккули қувваю воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ**

**(Идома дар саҳ. 2)**





## Машварати корӣ

**Ҳаштуми майи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо аъзои Комиссияи ҳукуматӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва роҳбарони сохторҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ машварати корӣ анҷом дод.**

Доир ба ин мавзӯъ ва рафти иҷрои корҳо нахуст ахбори роҳбарони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои дохилӣ, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, КВД «Тоҷиксуғурта», Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайра шунида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи ҳукуматиро вазифадор намуд, ки тамоми таклифу пешниҳодҳо ва таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафтаро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода, дар мӯҳлати як моҳи оянда лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав омода намоянд.

Таъкид гардид, ки на танҳо шумораи андозҳо, балки вазни умумии қиёсии онҳо низ бояд кам карда шавад ва дар баробари ин бо дарёфти сарчашмаҳои нав ва афзун намудани шумораи андозсупорандагон даромади буҷети давлатӣ пурра таъмин гардад. Ба таъкиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, кор бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки андозсупорандагон, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватанӣ, даромадҳои воқеии худро пинҳон надоранд, ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи ҷойҳои кориро афзун намуда, дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар саҳмгузориашонро зиёд намоянд. Ҳамчунин таъкид гардид, ки расмиёти маъмурии соҳа содда гардонида, механизми «Равзанаи ягона» ва ҳисоботдиҳии электронӣ васеъ ҷорӣ карда шавад.

*www.prezident.tj*

# Тантанаҳои Рӯзи Ғалаба дар шаҳри Душанбе




**Нӯҳуми майи соли 2012 дар боғи Ғалабаи пойтахт бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 67-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 маросими тантанавии гулчанбаргузорӣ ва расми гузашти низомӣ баргузор гардид.**

Ба ин муносибат дар ин ҷо роҳбарияти Давлату Ҳукумат, шумораи зиёди собиқадорони ҷангу меҳнат, корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони сершумори ҷавонону аҳли ҷамоатчигии пойтахт ҷамъ омада, ҷузъу томҳои низомии Қӯшунҳои ҳарбии Гарнизони Душанбе ба таври идона саф оростанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҳозирин суханронӣ намуда, 67-умин солгарди Ғалабаи бузург бар фашизмро барои онҳо, кулли мардуми Тоҷикистон ва тамоми аҳолии сулҳхоҳу сулҳдӯсти ҷаҳон табрику таҳният гуфт.

Бо ёдоварӣ аз саҳми намоёни фиристодагони Тоҷикистон дар он ҷанги мудҳиш, аз ҷумла зикр гардид, ки қариб 300 ҳазор нафар фарзандони бонангу номус ва шарафманди ҷумҳурии мо ба ҷабҳа рафта, аз онҳо 100 ҳазор нафарашон дар арсаи ҷанг қаҳрамонона шаҳид шуданд.

Сипас, барои арҷгузорӣ ба хотираи қаҳрамонону фидоиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ маросими гулчанбаргузорӣ дар назди гулхани ҷовидонӣ оғоз ёфт.

Нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тахти мусиқии маросимӣ ба хотири гиромидошти қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди гулхани абадӣ гулчанбар гузошта, хотираи онҳоро пос дошт.

Гулчанбарҳо ҳамчунин аз номи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратӣ, собиқадорони ҷангу меҳнат, корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, аз номи ҷавонон ва аҳли ҷамоатчигии кишвар гузошта шуданд.

Хотираи неки қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ҳамчунин бо дақиқаи хомӯшӣ пос дошта шуд.

Аз ороишҳои асосии тантанаи идонаи бахшида ба 67-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 расми гузашти низомии ҷузъу томҳои Гарнизони Душанбе аз назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон буд.

Дар он зиёда аз якуним ҳазор афсару сарбоз аз сохторҳои гуногуни низомии кишвар ширкат намуда, бо нишон додани маҳорати баланди сафоройӣ омодагии хуби ҳарбию касбии худро собит намуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо собиқадорони ҷангу меҳнат ҳамчунин аз наздик сӯҳбат намуда, аз аҳволи рӯзгорашон пурсон шуд.

Собиқадорони ҷангу меҳнат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ғамхориҳои пайваста ба онҳо ва сиёсати созандагӣ изҳори сипос намуданд.

*www.prezident.tj*

# Имтиҳони ҷиддӣ ва сабақи таърихии Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Хусусан дар ибтидои асри бисту як, ки таҳдиду хатарҳои нав ва ҷинояткории трансмиллӣ, аз қабили терроризми байналхалқӣ, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва монанди онҳо вусъат ёфта истодааст, шумо – ҳомиёни Ватан бояд вазифаҳои базиммадоштаи худро бо эҳсоси масъулияти дучанд иҷро намоед.

Мутаассифона, ҳанӯз ҳам дар гӯшаҳои гуногуни олам баъзе гурӯҳҳои тундраву ифротгаро амал мекунанд, ки бо шиору мафкураи неофашистӣ мехоҳанд осоиши мардуми сайёраро халалдор созанд ва кураи Заминро ба кураи ҷанг табдил диҳанд.

Илова бар ин, дар минтақаву кишварҳои мухталифи олам ҳанӯз ҳам оташи ҷанг шӯъла мезанад ва доираҳои муайян ба хотири ба даст овардани манфиат дар байни мардумони ҷаҳон нифоқу тафриқаандозӣ мекунанд, ки ҳамаи ин бар зарари башарият аст.

Мо, мардуми Тоҷикистон, ҳамеша ҷонибдори оромишу осоиши ҷаҳон ҳастем ва мехоҳем, ки дар муҳити сулҳу субот зиндагӣ кунем ва бо тамоми кишварҳо робитаи дӯстона ва ҳамкории судманд дошта бошем.

Дар ин раванд мо бо арзи эҳтиром аз собиқадорони мӯҳтарам умедворем, ки насли ҷавони кишварамонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, эҳтиром ба муқаддасоти Ватан тарбия ва роҳнамоӣ мекунанд.

Итминони комил дорам, ки шумо, мардони ҷабҳаи набард ва баҳодурони майдони кор, бо истифода аз таҷрибаи ғании худ, малакаву маҳорат ва бо панду насиҳатҳои судманд ба наслҳои имрӯза роҳбалад шуда, барои боз ҳам мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии Ватани азизамон, таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, густариши ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносии онҳо саҳми арзанда мегузоред.

Ҳукумати Тоҷикистон аз ҷониби худ ҳамеша барои беҳтар кардани шароити зисту зиндагии собиқадорони ҷангу меҳнат ғамхорӣ менамояд.

Чунки шумо, собиқадорони ҷангу меҳнат, нигаҳдоранда ва таҷассумкунандаи анъанаҳои пуршарафи наслҳои гузашта, намунаи барҷаста ва олии устуворӣ, мардонагӣ ва ҳидоятгари насли ҷавон мебошед. Ва ғамхорӣ дар ҳаққи шумо вазифаи ҷонӣ ва қарзи инсонии ҳар як фарди бонангу номус, соҳибкорону тоҷирон, шахсони хайрхоҳу саховатпеша ва умуман аҳли ҷомеаи қадршиноси мо бояд бошад.

Дар хотима бори дигар ҳамаи шумо, собиқадорони ҷангу меҳнат, афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ва тамоми халқи азизи кишварро бо Рӯзи Ғалаба самимона табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, рӯзгори ободу бобаракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу дорам.

**Ҷашни Ғалаба муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# *Номаҳои табрикӣ ба сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил*

**Ҳаштуми майи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 67 – умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба унвони сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил номаҳои табрикӣ ирсол намуд.**

Дар навбати худ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, собиқадорони ҷанг ва мардуми Тоҷикистонро Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Украина Виктор Янукович, Президенти Туркманистон Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ва Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов бо ҷашни Ғалаба табрик намуданд.

*www.prezident.tj*

# Мулоқот бо директори иҷроияи Бонки Осиёии Рушд Ашок Кумар Лаҳирӣ

**10 майи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон директори иҷроияи Бонки Осиёии Рушд Ашок Кумар Лаҳириро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории дуҷониба баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба барномаи тахияшавандаи ҳамкории Тоҷикистону Бонки Осиёии Рушд барои солҳои 2012-2014 зоҳир карда шуд. Тавре зикр гардид, барномаи мазкур дар ҳаҷми 250 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ ба Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд. Ин маблағҳо ба беҳсозии шабакаи роҳу нақлиёт, амнияти энергетикӣ, рушди бахши хусусӣ ва ҳамкории минтақавӣ равона мегарданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз ҳамкории гузашта, ки дар натиҷаи он ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 855 миллион доллари амрикоӣ қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва кӯмаки техникӣ ҷудо шудааст, ба Бонки Осиёии Рушд арзи сипос намуд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳоло дар Тоҷикистон як зумра лоиҳаҳои муҳим бо маблағгузории ин бонк татбиқ мегарданд, ки барои онҳо харҷи 530 миллион доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст.

Таъкид гардид, ки ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва нақлиёт, бо назардошти имконоти пайвастани шабакаҳои дахлдори Тоҷикистон бо Афғонистону Покистон ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад.

Зимни сӯҳбати пурмӯҳтаво ҳар ду ҷониб ҳавасмандии устувори худро ба густариши минбаъдаи ҳамкорӣ таъкид намуданд.

*www.prezident.tj*

# Робитаҳои дӯстиро тадбирҳои дастаҷамъона мебояд

**11 майи соли 2012 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев котиби масъули Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё Зверев Пётр Борисовичро, ки бо сафари корӣ ба Душанбе ташриф овардааст, бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо, бо назардошти баргузории ҷаласаи Бюро ва ҷаласаи пленарии Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё санаи 16 майи соли 2012 дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ва иштироки ҳайати парламентии Тоҷикистон тахти сарварии Маҳмадсаид Убайдуллоев дар он, масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласаҳои мазкур шомилшавандаро бо назардошти роҳандозии тадбирҳои дастаҷамъона, ки ба густариши минбаъдаи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди миёни парлумонҳои аъзои ин созмони бонуфузи байнипарламентӣ нигаронида шудааст, баррасӣ намуданд.

*Ш.САИДОВ,*
*ёвари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои ғайридавлатӣ*

# Бунёди корхонаҳои нав дар назар аст

Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз омилҳоест, ки ба пешрафти иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад. Аз ҳамин нуктаи назар соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ» қабул ва соли 2011 он дар таҳрири нав пешниҳод ва қабул гардид. Айни замон дар ҷумҳурӣ чор минтақаи озоди иқтисодӣ -«Суғд», «Дангара», «Ишкошим» ва «Панҷ» таъсис ёфтаанд.

Бо назардошти дар остонаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҳусни оғоз бахшидан ба сохтмони нахустбинои минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 3 млн. сомонӣ маблағ ҷудо шудааст.

Ҳамчуноне муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Умеди Давлатзод изҳор дошт, дар самти бунёди зербинои минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» кори муайян анҷом дода шудааст, ки гузаронидани шабакаи обтаъминкунии саноатӣ ба ҳудуди минтақаи номбурда бо масоҳати 3,8 км аз ҷумлаи онҳост.

Дар баробари ин, масъалаи бунёди корхонаҳои истеҳсоли ҳисобкунакҳои баркӣ дар ин ҷо аз ҷониби Ширкати эронии «Афзор» ва коркарди пӯст аз ҷониби ширкатҳои кореягӣ ва туркӣ мавриди ҳал қарор доранд.

Соҳибкорони эронӣ тасмим гирифтаанд, ки фаъолияти боз як корхонаи истеҳсоли сементи ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳониро бо иқтидори 11 млн. тонна дар як сол бо истифода аз ангишт ба роҳ монанд. Дар натиҷа, баробари афзудани теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ коргарону мутахассисони зиёди маҳаллӣ низ соҳиби ҷойи кори доимӣ хоҳанд гардид, ки дар шароити феълӣ айни муддаост.

*Мирзо РУСТАМЗОДА,*
*«Садои мардум»*

# Созишномаҳо оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба тасвиб расиданд

**(Идома аз саҳ. 1)**

**7. Дар хусуси Протокол оид ба таъмини мувофиқатии техникӣ ва иттилоотии аслиҳа ва техникаи ҳарбии кувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ**

**8. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002**

**9. Дар хусуси Протоколи сеюм оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбии техникии байни давлатҳои аъзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992**

**10. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба шартҳои имтиёзноки таҳвили техникаи махсус ва воситаҳои махсус барои таҷҳизонидани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 октябри соли 2007**

**11. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992.**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. «Дар хусуси Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо» сухан ба муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов Сӯҳроб дода мешавад.

**Сӯҳроб МАҲМАДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони мӯҳтарам!**

Ба баррасии шумо Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ, ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо пешниҳод мегардад.

Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо 3 сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Созишномаи мазкур бо мақсади таъмини бехатарии истифодаи фазои ҳавоӣ, мухолифат ба терроризм ва таъмини роҳи ягона дар ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ (дастгоҳи парвозкунанда) қабул карда шудааст. Созишнома барои мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори дигар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои муайян намудани тартиби фаъолият ҳангоми таҳдиди хатари содиршавии амали террористӣ дар фазои ҳавоӣ ё ин ки ғасби (рабудани) воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ, асоси ҳуқуқӣ фароҳам меоварад.



Созишнома аз муқаддима ва 10 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани Созишнома баён шудааст.

Дар моддаҳои 1-3-юми Созишнома Тарафҳо дар ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо ва пешгирии амалҳои террористӣ бо истифодаи ҳавопаймо дар фазои ҳавоӣ мутобиқи Низомномаи тартиби фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ, ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо ва ҳангоми гирифтани иттилоот оид ба таҳдиди содиршавии амали террористӣ дар фазои ҳавоӣ ва ё дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо, ки қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур мебошад, бахшида шудааст.

Моддаҳои 4 – 10-уми Созишнома дар бораи низоми ҳифзи иттилоот, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳар яке аз Тарафҳо оид ба иҷрои Созишномаи мазкур ва ҳамроҳшавии ҳар давлати узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, тартиби ҳалли баҳсҳо байни Тарафҳо, тартиби мӯҳлати амал ва эътибор пайдо намудани Созишнома, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ва дигар масъалаҳои ба Созишнома алоқамандро муқаррар кардааст.

Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Қабули Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эътибор пайдо намудани расмиёти дохилидавлатӣ зарурат дорад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амирқул Насимович дода мешавад.

**Амирқул АЗИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба барррасии шумо пешниҳод мегардад, ин вобаста ба пойдории давлатдории мо мебошанд, ки дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст. Дар Паём чунин омадааст: «Мо доим таъкид мекунем, ки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз суботу оромӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ вобастагии мустақим дорад.



Мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, муқовимат бо коррупсия ва дар маҷмӯъ ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошанд».

Аз ин лиҳоз, роҳбарияти мамлакат дар ҳамкорӣ бо шарики аввалиндараҷаи стратегии худ Федератсияи Россия ва дигар давлатҳое, ки ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкории Шанхай шомиланд, тамоми чораҳоро барои ҳифзи Ватан меандешанд.

Имрӯз 11 Созишномае, ки ба баррасии шумо, вакилони гиромӣ, пешниҳод мегардад, тасдиқи ин сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлати Тоҷикистон мебошад.

Яке аз онҳо, Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо мебошад, ки санаи 3 сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Созишномаи мазкур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Ин Созишнома бо мақсади таъмини бехатарии истифодаи фазои ҳавоӣ, мухолифат ба терроризм ва таъмини бархӯрди ягона нисбат ба ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ таҳия ва имзо гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои тасдиқи Созишномаи мазкур овоз диҳед.

*Бо мақсади тасдиқи Созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** -«Дар хусуси Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд», сухан ба муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов Сӯҳроб дода мешавад.

**Сӯҳроб МАҲМАДОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон!**

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд, пешниҳод мегардад.

Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд, аз ҷониби Сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ 10 декабри соли 2010 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст.

Созишномаи мазкур бо мақсади дастгирӣ ва рушди ҳамкориҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар пойгоҳи кооператсияи илмӣ - техникии ташаккулёфта, интегратсияи саноати соҳаҳои мудофиаи Тарафҳо таҳия ва ба имзо расонида шудааст. Созишнома барои мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори дигар давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар нигоҳдории тахассуснокии корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмон иштирок менамоянд, асоси ҳуқуқӣ фароҳам меоварад.

Созишнома аз муқаддима ва 15 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани Созишнома баён шудааст.

Дар моддаҳои 1-2-юми Созишнома татбиқи муносибати ягона дар ташкили истифодаи воҳидҳо, қисмҳо ва ҷузъу томҳое, ки аз Қувваҳои Мусаллаҳи миллӣ ва дигар қӯшунҳои Тарафҳо, ки ҷудо гардиданд, таъмини идоракунии самараноки қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ, мутобиқати техникӣ ва иттилоотии намунаҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ барои истифодаи муштарак дар иҷрои меъёрҳои оперативӣ-тактикӣ оварда шудаанд.

Моддаҳои 3- 5-уми Созишнома ба масъулин, мақсад ва шаклҳои ҳамкории Тарафҳо, мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳамкорӣ ва амалигардонии Созишнома, мақоми ваколатдори Тарафҳо оид ба татбиқи Созишнома амволи таълимӣ ва ёридиҳанда, истифодабарии амволи Тарафҳо иҷрои корҳо ва расонидани хизмати таъиноти ҳарбӣ бахшида шудааст.

Дар моддаҳои 6-10-уми Созишнома масъалаҳои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ (минбаъд МТҲ) қабул ва сифати МТҲ мутобиқи созишномаҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ оид ба кооператсияи истеҳсолӣ ва илмӣ-техникии саноатӣ, дар бораи ҳамкории Тарафҳо ва шаклҳои он, пешниҳоди иттилоот, чораҳои иҷрои саривақтӣ, сифатнок ва ҳифзи маълумоти дорои ахбороти махфӣ дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 18 июни соли 2004 мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳамкорӣ ва амалигардонии Созишнома истифода мешаванд, дарҷ карда шудааст.

Дар моддаҳои 11-15-уми Созишнома масъалаҳои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ҳалли даъво ва мухолифатҳо байни Тарафҳо бо роҳи гуфтушунид, бартараф намудани ихтилофҳо ҳангоми тафсир ва татбиқи муқаррароти Созишнома, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он мавриди амал қарор додани Созишнома ва қатъ гардидани иҷрои он пешбинӣ шудаанд.

Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд, ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Қабули Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эътибор пайдо намудани расмиёти дохилидавлатӣ зарурат дорад.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амирқул Насимович дода мешавад.

**Амирқул АЗИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд, ки санаи 10 декабри соли 2010 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст, пешниҳод мешавад.

Созишномаи мазкур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишнома бо мақсади дастгирӣ ва рушди ҳамкориҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар пойгоҳи кооператсияи илмӣ-техникии ташаккулёфта, интегратсияи саноати соҳаҳои мудофиаи Тарафҳо таҳия ва ба имзо расонида шудааст.

Созишнома аз муқаддима ва 15 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани Созишнома баён шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки барои тасдиқи Созишномаи мазкур овоз диҳед.

*Вобаста ба тасдиқи Созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - «Дар хусуси Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ» сухан ба муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов Сӯҳроб дода мешавад.

**Сӯҳроб МАҲМАДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони мӯҳтарам!**

Ба баррасии шумо Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ пешниҳод мегардад.

Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ санаи 10 декабри соли 2010 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст.

Созишномаи мазкур аз ҷониби Сарони давлатҳои аъзои Созмони СААД дар асоси Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 бо мақсади густариши муносибатҳои байнидавлатӣ ва нигоҳ доштани омодагии баланди ҷангии ҷузъу томҳо ва воситаҳои системаи амнияти муштарак барои таъмини вокуниш ба таҳдидҳои терроризми байналмилалӣ, барпо намудани пойгоҳи ҳуқуқӣ барои муваққатан ҷойгир намудани ҷузъу томҳо, қувва ва воситаҳои системаи Оинномаи муштарак дар ҳудуди Тарафҳо, таҳия ва ба тасвиб расонида шудааст. Созишнома барои мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори дигар давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои системаи амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ асоси ҳуқуқӣ фароҳам меоварад.

*(Идома дар шумораи оянда)*

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*




## Хоҷагии «Намуна–2005» – намунаи ибрат

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Тибқи иттилои Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Шӯрои илмӣ-техникии вазорат ба кишоварзони ҷумҳурӣ тавсия намуд, ки таҷрибаи пешқадами кооперативи истеҳсолии ба номи Алимурод Кенҷаев ва хоҷагии деҳқонии «Намуна-2005»-и шаҳри Ваҳдатро омӯзанд ва дар фаъолияти худ истифода баранд. Деҳқонони хоҷагии «Намуна-2005» бо истифода аз тавсияи олимону мутахассисони соҳаи кишоварзӣ соли 2011 ба натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ ноил гардиданд. Ҳаҷми умумии даромаднокии маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагии мазкур 233953 сомониро ташкил дод. Ҳамасола маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагӣ бо нархҳои нисбати бозор арзон, тавассути нуқтаҳои маҳсулотқабулкунии Иттифоқи «Тоҷикматлубот» пешкаши харидорон карда мешавад. Дар ин бора дар ҷаласаи навбатии Шӯрои илмӣ-техникии вазорат ибрози назар шуд. Дар кори ҷаласа роҳбарони хоҷагиҳои таҷрибавӣ, стансияҳои таҷрибавии институтҳои зироаткорӣ, боғдорию сабзавоткорӣ ва чорводорӣ иштирок доштанд.

## Мардум соҳиби замин мешавад

**ҒОНЧӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Ғончӣ иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бобати тақсими қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон таъмин мегардад. Дар деҳоти «Далёни Боло» шумораи аризадиҳандагон 1591 нафар мебошад, ки алҳол талаботи 939 нафари онҳо қонеъ гардонида шудааст. Бино ба гуфти раиси Ҷамоати деҳоти мазкур Умар Мамаҷонов, дар ин ҷода мушкилоти ҳалталаб низ мавҷуданд. Оид ба ин масъала ҳуҷҷатҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод шудаанд. Масъалаи аз ҷойи зист дур будани замини лалмии деҳаи Қалъачаи Арбоб низ ҳалталаб мебошад. Инчунин барои эҳтиёҷмандон дар канори шоҳроҳи Истаравшан- Хуҷанд зиёда аз 100 гектар замин интихоб гардидааст, ки баъди тасдиқи қарорҳо ҳамаи эҳтиёҷмандон бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин хоҳанд шуд.

## Дар Ҷиргатол–«60 рӯзи меҳнати зарбдор»

**ҶИРГАТОЛ. (Акбар РИЗВОНОВ)** Аз моҳи май то нимаи моҳи июни соли равон дар шароити иқлими ноҳияи Ҷиргатол давраи мусоид барои киштукор аст. Махсусан картошкапарварон дар ин давра серкор мегарданд. Бинобар ин, бо мақсади дастгирии онҳо ва босамар ташкил кардани маъракаи киштукор бо пешниҳоди раиси ноҳия Умедхоҷаи Зоир намояндагони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ба ҳамаи вакилони маҷлисҳои шаҳраку деҳот, фаъолон, коллективҳои меҳнатӣ, сокинони ноҳия доир ба ташкили «60 рӯзи меҳнати зарбдор» муроҷиатнома қабул карданд. Дар ин робита дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ситодҳо таъсис ёфтаанд, ки дар онҳо ҷараёни киштукори баҳорӣ ҳамарӯза таҳлилу ҷамъбаст мегардад.

## Поси хотири қаҳрамон

**ҚАЙРОҚҚУМ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар гимназияи ба номи Бобоҷон Ғафуров ба хотири 100- солагии дорандаи се ордени «Шараф» Эгамбердӣ Хӯҷамбердиев маҳфили ёдбуд баргузор гардид.

Раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Қайроққум Ашӯрмат Валиев, муовини раиси бахши қайроққумии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Санавбар Нуруллоева ба хонандагон аз корнамоиҳои собиқадорони ҷанг, алалхусус Эгамбердӣ Хӯҷамбердиев ҳарф заданд. Дар ҷамъомад писари қаҳрамон- Толибҷон Хӯҷамбердиев иштирок ва суханронӣ намуд.

## Донишҷӯён дастгирӣ карда мешаванд

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб вохӯрии донишҷӯёни донишгоҳҳои минтақа, ки тавассути квотаи президентӣ таҳсил мекунанд, бо масъулони шӯъбаҳои маориф ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳии минтақа баргузор гардид. Намояндагони шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Мӯъминобод, Ховалинг ва Балҷувон ба донишҷӯёни худ, ки дар Донишгоҳи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб, филиали дар ноҳияи Данғарабудаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур ва филиали дар шаҳри Кӯлоббудаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ таҳсил мекунанд, тӯҳфаҳои молӣ, аз ҷумла якчанд адад телевизор, яхдон, мошини либосшӯйӣ ва дастгоҳи хӯрокпазӣ тақдим намуданд.

Муовини раиси вилояти Хатлон Ситора Шерова ва сардори Раёсати маорифи вилоят Хоналӣ Қурбонзода дар вохӯрӣ суханронӣ карда, дорандагони квотаи президентиро даъват намуданд, ки дар ҷавоби ин ҳама ғамхориҳои Ҳукумати кишвар таҳсилро бо ахлоқу дониши намунавӣ ба роҳ монанд.

## Маҳфили ҳаваскорони наврас

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 8-уми деҳоти «Овчӣ-Қалъача»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» маҳфили хонандагон ташкил гардидааст, ки аъзои он ҳунарҳои гуногунро меомӯзанд. Теъдоди умумии аъзои маҳфили «Ҳаваскорони наврас»- и мактаб беш аз 20 нафарро дар бар мегирад. Иштироки дастпарварони маҳфил дар чорабиниҳои беруназмактабӣ хеле назаррас аст. Онҳо аксар вақт бо барномаҳои рангини хеш дар назди ҳамсолонашон ҳунарнамойӣ мекунанд.

## Кумитаи тадорукотӣ нақшаи чорабиниҳоро тасдиқ кард

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Тибқи қарори раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сеюми майи соли равон чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ таҳти унвони «Ҷавонӣ, зебойӣ ва солимӣ» оғоз ёфт. Ин маърака то 23 май дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят бо иштироки доираи васеи ҷавонон гузаронида мешавад. Кумитаи навтаъсиси тадорукотии вилоятӣ нақшаи баргузории чорабиниҳоро тасдиқ намуд.

Аз ҷумла вохӯрӣ бо вакилон ва иштирокчиёни Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чорабиниҳои фарҳангӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ пешбинӣ шудааст.

## Мусобиқаи гӯштии камарбандӣ

**ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар толори «Ҷашнӣ»- и шаҳри Хуҷанд ба пешвози таҷлили 20 – солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи вилоятӣ оид ба гӯштии камарбандӣ баргузор гардид. Дар он 245 нафар варзишгарон иштирок намуданд.

Ғолибон бо медал ва ифтихорномаҳои Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Суғд ва Федератсияи гӯштии камарбандии мамлакат сарфароз гардиданд.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

● Дар партави Паёми Президент

# Камбудиҳоро бартараф кардан зарур аст

**Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо иштироки раиси вилоят, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғайбулло Авзал вобаста ба Паёми имсолаи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласа доир гардид. Дар он кормандони ташкилоту идораҳои вилоятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ширкат варзиданд.**

Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал оид ба мӯҳтавои Паёми имсолаи Сарвари давлат ба ҳозирин гузориш дод. Дар робита зикр намуд, ки мувофиқи маълумоти оморӣ, дар вилоят натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоӣ хеле назаррасанд. Сарфи назар аз муваффақиятҳо, дар бархе аз соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят камбудиҳои ислоҳталаб низ ҷой дорад.

- Дар семоҳаи соли ҷорӣ ду намуди андоз иҷро нагардида, бақияпулиҳо афзудааст, - изҳори нигаронӣ кард раиси вилоят ва афзуд: – Нисбат ба андозсупорандагони азими аз андоз саркашикунанда чораандешӣ карда намешавад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин бобат мавқеи бетарафиро ихтиёр кардаанд. Тӯли ин давра дар 63 ташкилоту муассисаҳои вилоят 3,3 миллион камомаду изофанависӣ, ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳою тасарруфи онҳо ба қайд гирифта шудааст.

Мутаассифона, бисёр раисони шаҳру навоҳӣ то ҳол барои таъмири роҳҳои маҳаллиашон ягон сомонӣ ихтисос надодаанд, ҳарчанд кайҳо мавсими тармими роҳҳо фаро расидааст. Раисони шаҳру ноҳияҳои Норак, Сарбанд, Хуросон, Темурмалик аз ҳамин ҷумлаанд. Дар вилоят 19 пул ва 308 аломати роҳ ба таъмири оҷил ниёз дорад. Ба ҷуз ин, дар ягон шаҳру ноҳия ҷадвали ҳаракати нақлиёти мусофирбар мавҷуд нест, бисёр ронандагон бе иҷозатнома ба мусофиркашонӣ машғул мешаванд. Аз сабаби набудани назорати дуруст дар наздикии роҳҳои автомобилгард иншооти худсарона сохташуда рӯз ба рӯз зиёд мешавад.

Фаъолияти бонкҳои вилоят низ ҷавобгӯйи талаботи давру замон нест. Онҳо ба соҳибкорон барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва харидории таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ қарз надода истодаанд. Пӯшида нест, ки аз норасоии газ аксар корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият боз мондаанд. Бинобар ин, тибқи дастури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин корхонаҳоро зарур аст, ки дар истеҳсолот аз ангишт истифода баранд. Масалан, корхонаи сементбарории шаҳри Сарбанд аллакай фаъолияташро бо истифода аз чунин навъи маводи сӯхт ба роҳ мондааст.

- Дар се моҳи соли равон маблағи пардохти ҳаққи истифодаи барқ дар вилоят 79 фоизро ташкил дода, талабот ба неруи барқ назар ба фасли зимистону тирамоҳ ба 16 фоиз расидааст, - таъкид кард раиси вилоят. -Дар ҳудуди вилоят беш аз панҷ ҳазор гектар боғи нави зардолу мавҷуд аст, ки ҳосили он ҳар сол ба хориҷа содирот мегардад ва ҳамчунин дар бозорҳои минтақа фурӯхта мешавад. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди ҳосил аз сабаби ба савдо нарафтан талаф меёбад. Бинобар ин, дар минтақаи Кӯлобу Қӯрғонтеппа барпо намудани семинар оид ба усули хушккунии ин намуди мева дар назар дошта шудааст. Аз даҳ анбори меванигоҳдории вилоят ягонтоаш мақсаднок истифода намегардад. Онҳо захираи даркории маводи ғизойӣ надоранд.

Барномаи компютеркунонӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нокифоя аст, вале чанд рӯз қабл боз 1134 адад компютери дигар барои мактабҳои вилоят дастрас гардид, ки дар натиҷа иҷрои ин барнома ба 77 фоиз расид.

Таассуфовар аст, ки 79,8 фоизи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрави шаҳри Қӯрғонтеппа, 49 фоизи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб, 75 фоизи донишҷӯёни филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур дар ноҳияи Данғара баъди хатм ба ҷойи кор ҳозир намегарданд. Ҳозиршавии омӯзгорони ҷавон баъди аз таҳсил фориғ гардидан дар вилоят ҳамагӣ 74 фоизро ташкил медиҳад.

- Соли 2011 дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ 11 китобхона сохта шуд, ки ин бисёр кам аст. Ба замми ин, дар баъзе китобхонаҳои амалкунанда дар радифи китоб маводи ғизойӣ низ фурӯхта мешавад, ки ин, - гуфт раиси вилоят, - қобили қабул нест. Ҳамзамон дар вилоят 124 китобхонаю 100 муассисаи фарҳангӣ ниёз ба таъмир доранд.

Дар ҷаласа инчунин раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Аҳмадҷон Ализода, сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Хоналӣ Қурбонзода, раиси Суди вилояти Хатлон Муҳаббат Азизова ва соҳибкор Раҷаб Давлатов дар ҳошияи Паёми имсолаи Сардори давлат доир ба мушкилоту пешрафти соҳаҳояшон ибрози андеша намуданд.

*Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»*

● Мулоқот бо вакил

# РӮҲБАЛАНДИИ МАРДУМ БАРЪАЛОСТ

Тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сафари хизматии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои гузаронидани вохӯриҳо бо интихобкунандагон оид ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амирқул Азимов дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №90-и ноҳияи Сино бо интихобкунандагони худ мулоқот доир намуд. Вохӯриро муовини аввали раиси ноҳияи Сино Шералӣ Ганҷалов оғоз намуда, ҳадафи асосии баргузории чорабинии фавқуззикрро шарҳ додани нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ироаи дархосту пешниҳодоти интихобкунандагон ба вакили хеш арзёбӣ намуд. Сипас, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирқул Азимов доир ба масъалаи зикршуда муфассал суханронӣ намуда, ба ҳозирин нуктаҳои Паёмро шарҳ дод. Мавсуф диққати ҳозиринро бештар ба дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолии кишварамон, ки дар заминаи ҳамдигарфаҳмиву меҳнати пурмаҳсул ба даст омадаву дар Паём инъикос ёфтаанд, ҷалб намуд. Дар ҳамин радиф, Амирқул Азимов ҳозиринро ба арҷгузории ваҳдати миллӣ ва фазои орому осудаи мамлакат даъват намуда, минҷумла гуфт, ки кулли дастоварду пешравиҳои ҷомеа самараи неъмати барои тоҷику тоҷикистониён бебаҳо - сулҳ ва ваҳдати миллист.

Бо истифода аз ҳузури омӯзгорон мавсуф онҳоро ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» талқин намуда, қонуни мазкурро кафили ба воя расидани насли худогоҳу меҳандӯст ва баору номус арзёбӣ кард.

Ҳамзамон Амирқул Азимов аз интихобкунандагон даъват ба амал овард, ки дар сурати мувоҷеҳ шудан бо поймолкунии ҳуқуқҳояшон бетарафиро риоя накарда, ба сохторҳои дахлдор муроҷиат намоянд ва итминонашон комил бошад, ки ин муроҷиатҳо ҳатман баррасӣ мегарданд. Масъалаи ҳамаҷониба мусоидат намудан ба раванди даъвати ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ низ дар суханронии номбурда мавқеи асосӣ дошт. Дар анҷоми мулоқот интихобкунандагон пешниҳоду дархостҳояшонро иброз дошта, баргузории чунин вохӯриҳоро муҳиму саривақтӣ маънидод карданд.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №10-ро оиди ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 31 майи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | ш.Душанбе, к.Бухоро 43 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 23,7 $м^2$ | савдо | 4679 | 1 сол |
| 2 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 12,9 $м^2$ | маъмурӣ | 655 | 1 сол |
| 3 | Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ | ш.Душанбе, к.Айнӣ 41 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 41,8 $м^2$ | таълимӣ | 2297 | 2 сол |
| 4 | Маркази алоқаи почтаи шаҳри Ваҳдат | ш.Ваҳдат, к.Сомониён 15 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 11,5 $м^2$ | савдо | 2155 | 1 сол |
| 5 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳати 10 $м^2$ аз ҳисоби сехи электролизи корхона | истеҳсолӣ | 581 | 1 сол |
| 6 | Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон | ноҳияи Варзоб, д.Чорбоғ | бино бо масоҳати 153,8 $м^2$ ва масоҳати 1046,2 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди истироҳатгоҳи «Шаршара» | истироҳатгоҳ | 4844 | мавсимӣ (5 моҳ) |
| 7 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ 15 | масоҳати 7,26 $м^2$ аз ҳисоби толори фурудгоҳ | савдо | 2021 | 1 сол |
| 8 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ 15 | масоҳати 4 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 1175 | 1 сол |
| 9 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ 15 | масоҳати 3,6 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 1169 | 1 сол |
| 10 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фурудгоҳ 15 | масоҳати 6,84 $м^2$ аз ҳисоби аэровокзали фурудгоҳ | савдо | 2856 | 1 сол |
| 11 | Варзишгоҳи «Металлург»-и КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 31 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1213 | 3 сол |
| 12 | Меҳмонхонаи «Ширкент»-и КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 36,16 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1048 | 1 сол |
| 13 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 9-ум, масоҳаташ 22,6 $м^2$ | маъмурӣ | 2980 | 1 сол |
| 14 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 192 $м^2$ дар ошёнаи 12-ум ва масоҳати 3 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | маъмурӣ ва техникӣ | 14024 | 2 сол |
| 15 | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 40 | масоҳати 393,2 $м^2$ аз ҳисоби ошхонаи корхона | хӯроки умумӣ | 4763 | 2 сол |
| 16 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 6 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бино | савдо | 566 | 3 сол |
| 17 | Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои «Тоҷиккино» | ш.Душанбе, к.Спортивная 5 | масоҳати 250 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 4972 | 2 сол |
| 18 | Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои «Тоҷиккино» | ш.Душанбе, к.Спортивная 5 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 24 $м^2$ | истеҳсолӣ ва савдо | 423 | 1 сол |
| 19 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 7,6 $м^2$ аз ҳисоби биноҳои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 1037 | 2 сол |
| 20 | Корхонаи воҳиди мусофирбарии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Привокзалная 1 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 24,7 $м^2$ | истеҳсолӣ | 1664 | 2 сол |
| 21 | Корхонаи воҳиди мусофирбарии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Привокзалная 1 | 3 утоқи корӣ, масоҳаташ 93,2 $м^2$ | хӯроки умумӣ | 2302 | 2 сол |
| 22 | Идораи давлатии хоҷагии оби Каттасойи шаҳри Истаравшан | ш.Истаравшан, к.Т.Холиқов 13 | масоҳати 52,2 $м^2$ аз ҳисоби бинои сехи дуредгарӣ | истеҳсолӣ | 1119 | 1 сол |
| 23 | Заводи вагонтаъмиркунии Маҳрами КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Конибодом, шаҳраки Маҳрам, к.Мирзоалиева 10 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби бинои ошхонаи коргоҳ | хӯроки умумӣ | 591 | 1 сол |
| 24 | Заводи вагонтаъмиркунии Маҳрами КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Конибодом, шаҳраки Маҳрам, к.Мирзоалиева 10 | масоҳати 106 $м^2$ аз ҳисоби бинои сехи челонгарӣ | истеҳсолӣ | 1933 | 1 сол |
| 25 | Заводи вагонтаъмиркунии Маҳрами КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Конибодом, шаҳраки Маҳрам, к.Мирзоалиева 10 | масоҳати 147 $м^2$ аз ҳисоби бинои чойхона | хӯроки умумӣ | 1700 | 1 сол |
| 26 | Корхонаи давлатии таъминот ва савдои «Китоб» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 17 | масоҳати 128,2 $м^2$ дар ошёнаи 1-уми бинои маъмурӣ | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 4486 | 2 сол |
| 27 | Литсейи касбии алоқаи ш.Душанбе | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 47 | 3 утоқи корӣ бо масоҳати 106 $м^2$ | таълимӣ | 3428 | 1 сол |
| 28 | Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Саид Носир 33 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 7 $м^2$ | маъмурӣ | 1187 | 1 сол |
| 29 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 31 | масоҳати 1018 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | таваққуфгоҳ | 6044 | 2 сол |
| 30 | МД «Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ» ба номи З.Шаҳидӣ | ш.Душанбе, к.Борбад 54 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 40 $м^2$ | истеҳсолӣ | 2319 | 2 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.** Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1371/1 -606 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 35 | 21.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1372/1 -607 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 66 | 31.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1373/1 -608 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 64 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1374/1 -609 | Идораи сохтмони асосии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 28 | 31.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1375/1 -610 | Идораи сохтмони асосии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 45 | 31.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1376/1 -611 | Идораи сохтмони асосии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 50 | 31.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1377/1 -612 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензин<br>Сӯзишвории дизелӣ | литр<br>литр | 3000<br>1500 | 21.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1378/1 -613 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ ва воситаҳои аёнӣ | номгӯй | 23 | 21.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1379/1 -614 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қолини роҳрав | $м^2$ | 150 | 21.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1380/1 -615 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентар | номгӯй | 22 | 21.05.2012 соати $11^{30}$ |
| 1381/1 -616 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 31 | 21.05.2012 соати $14^{00}$ |
| 1382/1 -617 | Кӯдакистони №7, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 24 | 21.05.2012 соати $14^{30}$ |
| 1383/2 -426 | Шӯъбаи маорифи шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 19 | 21.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1384/2 -427 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ташхиси лабораторӣ | номгӯй | 40 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| .1385/3 -305 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Нишони 20-солагии собиқадорони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | адад | 500 | 21.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1386/3 -306 | Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1154/2 -375/А | Шӯъбаи маорифи н.Синои ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 3 | 21.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1387/1 -618 | Корхонаи воҳиди давлатии нафту газ ва ангишт | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 4 | 1.06.2012 соати $11^{00}$ |
| 1388/1 -619 | Маркази миллии тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Дастпӯшакҳои муқаттаршуда | ҷуфт | 15000 | 21.05.2012 соати $15^{00}$ |
| 1384/2 -427 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ташхиси лабораторӣ | номгӯй | 40 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1389/2 -428 | Маркази саломатии шаҳрии №14-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 4 | 21.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1390/2 -429 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 159 | 21.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1391/2 -430 | Маркази саломатии шаҳрии №14-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 7 | 21.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1392/2 -431 | Беморхонаи марказии шаҳрии шаҳри Турсунзода | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 51 | 21.05.2012 соати $11^{30}$ |
| 1393/2 -432 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Намакӣ техникӣ | тонна | 120 | 21.05.2012 соати $14^{00}$ |
| 1394/3 -307 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 1.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1395/3 -308 | Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №66-и шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1396/3 -309 | Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири дастгоҳи марказии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1397/3 -310 | Раёсати сохтмон, ҷобаҷокунии қӯшунҳо ва истифодабарии биноҳои КҲФ ва МГ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони хобгоҳ ва иншооти ёрирасон барои қисми ҳарбии 45005 ва 45045 | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1398/3 -311 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Китобҳои барӯйхатгирии аҳолӣ | номгӯй | 3 | 16.05.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




## ЭЪЛОН, МУЗОЯДА!

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Файзобод 21 майи соли 2012 музоядаро оид ба фурӯши амволи ғайриманқул – ҳавлии истиқоматӣ бо иншооти ёрирасонро иборат аз ду сохтмон, воқеъ дар деҳаи Калшодӣ, деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод, ба фурӯш мебароранд.

Масоҳати умумӣ - 360,6 $м^2$.

Ҷойи баргузории музояда деҳаи Калшодӣ, деҳоти Меҳрободи ноҳияи Файзобод.

Барои маълумоти иловагӣ хоҳишмандон метавонанд бо нишонии иҷрочиёни Суди ноҳияи Файзобод, кӯчаи И. Сомонӣ 40 муроҷиат намоянд.

Телефонҳо барои тамос: **(8-3135) 3-2357, 93-506-07-40, 907-76-66-60.**

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Амиров Баҳодур Баҳридинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0205846 бо РЯМ 1230070582 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 28 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## Эътибор надорад

Шиносномаи бақайдгирии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 17 феврали соли 1976 таҳти қайди 8334 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Хуҷанбиё, ҳавлии 152 ба Холиқов Толиб додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи гумшудаи №621265, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №55-и шаҳри Душанбе соли 1989 ба Шарипов Сайдалӣ Маннонович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи шаҳрвандии гумшудаи №А 7047670, ки онро Шӯъбаи шиносномадиҳии ШКД дуюми ноҳияи Рӯдакӣ 25 апрели соли 2012 ба Холов Исмоил Абдулович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи № А 013384, ки онро МТМУ-и №72-и Ҷамоати деҳоти Қиблаии ноҳияи Рӯдакӣ соли 1987 ба Тешаева Зайнура Салоҳиддиновна додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи гумшудаи силсилаи НТ-1 №333487, ки онро Омӯзишгоҳи (ҳозира Коллеҷи) тиббии шаҳри Душанбе соли 1990 ба Яхшиева Гавҳар Бегалиевна додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии гумшудаи № ДО 7226, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Одинаев Бахтиёр Ҳакимович додааст, эътибор надорад.

***

Мӯҳри гумшудаи ҶДММ «Шӯҳрат-ЛТД», воқеъ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №235/08, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2008 ба Холмиров Бахтиёр Ботуралиевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №202/09, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2009 ба Каримов Умаралӣ Маҳмадалиевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли гумшудаи силсилаи БР №062355, ки онро МТМУ-и №12-и деҳаи Дегаии ноҳияи Нуробод соли 1984 ба Азимов Абдуҷалил додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 31 декабри соли 1997 таҳти реестри 6Д-3724 бо суроғаи кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 67, ҳуҷраи 8 ба Мирзоев Алӣ Иброҳимович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 67, ҳуҷраи 8 соли 1997 ба Мирзоев Алӣ Иброҳимович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми гумшудаи №064052, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Ҳисор соли 1999 ба Музаффарова Шодигул Маҳмадуллоевна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми курси ронандагии №013330-и гумшуда, ки онро ҶДММ «Автокемп» 23 августи соли 2010 ба Додов Фирдавс Ҳайдаралиевич додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии № ГО 6130-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2006 ба Муродов Исроил Исматуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии №3983-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2011 бо суроғаи деҳоти Россия, деҳаи Шоҳмансури ноҳияи Рӯдакӣ ба Карликова Қурбонмоҳ додааст, эътибор надорад.

***

Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 23 ноябри соли 2011, таҳти қайди 2500 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Россия, деҳаи Шоҳмансур ба Карликова Қурбонмоҳ додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № ДО 6320 , ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2006 ба Турахонов Муҳаммадалӣ додааст, эътибор надорад.

## Объявление на замещение вакантных должностей

Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

Главного специалиста по закупкам.

Квалификационные требования:

- высшее образование (юридическое, экономическое, деловое управление или инженерия);
- знание руководящих принципов и политики закупок Всемирного банка;
- опыт закупочной работы в международных финансируемых проектах (предпочтительно Всемирный банк) не менее 3 лет;
- опыт в подготовке и реализации проектов;
- хорошие знания местных законов и процедур;
- хорошие способности к аналитической работе;
- коммуникабельность и опыт ведения деловых переговоров;
- знание таджикского, русского и английского языков;
- компьютерные навыки.

Подробное описание заданий можно получить в Центре управления Проектом.

Биография, копия диплома, резюме и др. документы должны быть доставлены до $17^{00}$ ч., 25 мая 2012 года по адресу:

**г. Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, ЦУП, 4-й этаж.**

**Тел: 233-88-25, 233-13-30**

**Почта Эл. office@midp.tj**

## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи №1308/3-279 аз 2 майи соли 2012, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 4 майи соли 2012 таҳти №55 (2882) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати $10^{00}$, 15 майи соли 2012 хонда шавад.

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор манзили истиқоматии сеҳуҷрагиро, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, кӯчаи Ҷ. Расулов, хонаи 51, тариқи музояда ба фурӯш гузоштаанд. Музоядаи мазкур 8 июни соли 2012 соати $10^{00}$ баргузор мегардад.

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти иловагиро аз иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев №29, утоқи 5, дастрас намоянд.

Телефонҳо: **918 - 39 - 39 - 08 ё 235-83-71**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Гулов бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 11 майи соли 2012, соати 19.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26646 нусха*

*Навбатдори шумора* *А. Муродов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова